«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор ____________ Раҳмон Д.С.
«_12_» ____05____ соли 2024

# ХУЛОСАИ
кафедраи муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Комилов Насим Иброҳимович дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ: аз яккасамтӣ ба бисёрсамтӣ (дар мисоли Тоҷикистон ва Қазоқистон)» бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 29 январи соли 2019, таҳти №6 тасдиқ карда шудааст. Бинобар сабаби дигаргун шудани мазмуни рисола ва мушаххас намудани номи мавзуъ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ аз 1 декабри соли 2022, таҳти №4/5-14 дар номи рисолаи илмӣ тағйирот ворид карда шуда, чунин номгузорӣ карда шуд: **«Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)»**.

Рисолаи илмии мазкур дар кафедраи муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 7 майи соли 2024, таҳти № 8 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Комилов Насим Иброҳимович аз соли 2016 то 2020 дар кафедраҳои таърих ва ҳуқуқ, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси ассистент ва аз соли 2021 ба ҳайси муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи номбурда фаъолият менамояд.

Комилов Насим Иброҳимович соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Шаҳодатномаи имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм 04.07.2019, таҳти №21 ва забони хориҷӣ (англисӣ) 15.01.2020, таҳти №8 аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Шаҳодатномаи имтиҳони номзадии тахассусӣ 26.09.2023, таҳти №125 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмии диссертант номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Амриддин Нуриддинович мебошад.

Диссертатсияи Комилов Насим Иброҳимович дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлолият(солҳои 1991-2021)» дар ҷаласаи васеи кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ гардида, дар муҳокима иштирок доштанд: мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ, н.и.с., дотсент Муродова Г.Р., роҳбари илмии унвонҷӯ н.и.т., дотсент Шарипов А.Н., доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Назарзода П.С., н.и.с., дотсент Ҳусайнзода А.Б., н.и.т., дотсент Азамов Х.С., доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих Холмуродзода М.Б., н.и.ҳ., дотсент Мазарифов М.К., н.и.с., дотсент Пирназаров Э.А., н.и.т, муаллими калон Сафаров Х.Х., н.и.т., муаллими калон Суфиев С.Н., н.и.с., муаллимони калон Яқубзода Ф.Н., н.и.с., муаллимони калон Файзов Р., муаллимони калон Каримзода И.С., Собиров С.Р., Қурбонова З.И., Меҳрангези Ю., Маҳмадсаиди М., ассистентон Саидов Д., Сафаров Ҳ.А., Мирзоев С.О., сардори шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогӣ(ТАКИП) н.и.п., дотсент Қурбонова У.Т., инчунин мутахассисон аз факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – н.и.т., дотсенти кафедраи минтақашиносии хориҷӣ Розиқов Ф., н.и.т., муаллими калони кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷӣ Анвари С., н.и.т., муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ Пайвандов Х.

**Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:** Диссертатсия ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарин – ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021) нигаронида шудааст.

Рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷии кишварҳо шароити мусоид

фароҳам меорад. Дар замони муосир давлатҳои ҷаҳон ҳамчун субъектҳои фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ баромад намуда, ҳамкориҳои судмандро дар сатҳи бисёрҷониба ба роҳ мемонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар пайравӣ аз Консепсияи сиёсати хориҷӣ муносибатҳои гуногунҷанбаро бо тамоми давлатҳо дастгирӣ менамояд.

**Мубрамии таҳқиқот дар омилҳои зерин инъикос мегардад:**

Бояд қайд намуд, ки раванди ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо дар даврони истиқлол ба якдигар шабоҳати зиёд дошта, дар шароити мураккаби бӯҳрони низоми муносибатҳои байналхалқӣ тадриҷан ташаккул ёфта, ба шакли бисёрсамтӣ расидааст.

Эълон кардани сиёсати «дарҳои кушод»-и Тоҷикистон ва сиёсати бисёрсамтаи Қазоқистон низ бо равандҳои ташаккули низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ дар оғози ҳазораи навин ва зарурати рушди ҳамокриҳои мутақобила бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст.

Дар заминаи таҳлили масъалаи таҳқиқшаванда метавон гуфт, ки аҳамияти омӯзиши ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- омӯзиши моҳияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон имкони қиёси марҳалаҳои инкишоф ва дастовардҳоро фароҳам оварда, метавонад ҳамчун заминаи омӯзиши ҷанбаҳои мусбати якдигар дар инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳо мусоидат намояд;
- истифодаи имкониятҳои иқтисодӣ ва истеҳсолии Қазоқистон дар ҷалби сармоягузориҳо ба кишвар ҷиҳати татбиқи муваффақонаи ислоҳоти фарогир ва стратегияи рушди миллӣ;
- ҳамоҳанг намудани ғоя ва амал дар сиёсати хориҷии минтақавӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди инкишофи равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ ва таъмини амнияти минтақа тавассути талошҳои дастаҷамъона;
- зарурати дарки таҳдидҳои муосир ва пешниҳоди ташаббусҳои муштарак ҷиҳати пешгирии онҳо дар марҳалаҳои ибтидоӣ;
- имконияти омӯзиши дастовардҳои якдигар, дурнамои эҳтимолии истифодаи онҳо бо дарназардошти махсусиятҳои миллӣ ва таҳкими ниҳоди сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар баррасӣ ва таҳлили илмии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳуриии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол(солҳои 1991-2021) ифода меёбад. Дар маҷмуъ, навгонии мазкур бо таҳқиқоти аввалини

комплексии таҳлилӣ-муқоисавии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлолият ҳамоҳанг мебошад.

Инчунин навгониҳои диссертатсия дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

- ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии он мавриди омӯзиш қарор дода шуданд;
- моҳияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX таҳлил карда шуданд;
- тағйири вазъи минтақа ва зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ баррасӣ гаштанд;
- эъломи сиёсати нави хориҷӣ ва таҳаввули он мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;
- марҳалаҳои ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон таҳлил карда шуданд;
- натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии давлатҳо баҳо дода шуданд;
- дурнамои сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтанд;
- мушкилиҳо дар татбиқи сиёсати хориҷӣ ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки инкишофи он муайян карда шуданд.

**Асоси сарчашмавии таҳқиқотро** суханрониҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти аввалини Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ва Президенти ҳозираи Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Жомарт Токаев, қонунҳо, консепсияи сиёсати хориҷии давлатҳо, протоколи вохӯриҳои дуҷониба, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маводи чопшуда дар маҷаллаҳои илмии донишгоҳҳои олии Тоҷикистон ва Қазоқистон, маълумотҳои расмии интишоршуда дар маҷмуаҳои махсуси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон, санадҳои расмӣ, диссертатсияҳо, авторефератҳо, маводи бойгониҳои ҷорӣ ва рӯзномаҳои даврӣ ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии диссертатсия бо истифодаи натиҷаҳои он дар раванди таълими курсҳои «Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қазоқистон» ва инчунин курсҳои махсус оид ба марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мактабҳои олии кишвар ҳамоҳанг мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани корҳои

таҳқиқотӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, монографияҳо, маводи таълимӣ, курси лексияҳо оид ба сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки махсусиятҳои инкишофи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро инъикос намуда, мушкилоти татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамта ва дурнамои инкишофи онро пешбинӣ мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд зимни тартиб додани нақшаҳои инкишофи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои афзалиятноки он, тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Қазоқистон мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ҳамин тавр, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррargардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра ифода менамояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрия ва маҷаллаҳои илмии шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, моҳият, мундариҷа ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол шабеҳи якдигар буда, рӯ овардан ба сиёсати хорҷии бисёрсамта боиси рушди сиёсати хориҷии давлатҳо гаштааст. Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки сиёсати хориҷии бисёрсамтаро интихоб намудаанд, яке аз роҳҳои муваффақ, дар татбиқи сиёсати хориҷии давлатҳо, вазъи мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ, тезутунд гардидани рақобати байни кишварҳои абарқудрат ва рушди минбаъдаи ҳамкории байни давлатҳо ба ҳисоб меравад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Мавод ва усулҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамоянд. Вобаста ба натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва тасдиқи расмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба

талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудаанд, мутобиқат менамояд.

Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърузаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмии солҳои 2019-2023 навиштаи диссертант инъикос ёфтаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар натиҷаи таҳқиқот метавон ҷанбаҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистонро чунин муайян намуд:

Якум, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо касби истиқлоли сиёсӣ ба саҳнаи ҷаҳонӣ ворид шуда, ба ташаккули мақомоти сиёсати хориҷӣ, истиқрор ва рушди муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои мухталифи олам, узвият ба созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ шуруъ намуд. Вале ба раванди воридшавии фаъоли ҷумҳурӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ ҷанги шаҳрвандӣ халал расонид.

Самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва дохилие, ки аз Муроҷиатнома ба мардуми шарифи Тоҷикистон бармеоянд, моҳиятан сиёсати бисёрсамта ва фаъоли хориҷиро ифода менамуданд. Вале бо дарназардошти буҳрони шадиди иқтисодӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ, таҳдидҳои муосири амниятӣ, раванди сулҳ ва ташаккули ниҳодҳои давлатдорӣ, татбиқи бевоситаи ин сиёсат дар марҳалаи ибтидоии ташаккули сиёсати хориҷӣ амалӣ нагардид.

Дуюм, новобаста аз мушкилиҳои ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ, буҳрони шадиди иқтисодӣ ва фалаҷ гаштани сохторҳои рушди ҳамкориҳои мутақобила дар фазои пасошуравӣ, ба Қазоқистон муяссар гардид, ки асосҳои мустаҳками давлатдории худро ташкил карда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии хешро муайян намояд.

Моҳияти сулҳхоҳона ва воқеъбинонаи сиёсати хориҷии кишвар баръало намоён буд, ки дар даст кашидан аз аслиҳаи ҳастаӣ, дастгирии пайгиронаи равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ, рушди ҳамкориҳо бо Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташаббуси бунёди МҲТБО ва пешбурди сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ инъикос мегардад.

Сеюм, агар яке аз дастовардҳои дипломатияи Тоҷикистон дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ ин дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ бошад, пас ба Қазоқистон муяссар гардид, ки аз ташаннуҷи дохилӣ пешгирӣ намуда, заминаи ташаккули ҷомеаи бисёрмиллиро дар асоси арзишҳои умумӣ фароҳам орад.

Умумияти дигари рушди кишварҳо дар марҳалаи аввали истиқлоли сиёсӣ ин ташаккули давлатдории миллӣ мебошад, ки бо ташаббуси бевоситаи сарварони давлатҳо – Эмомалӣ Раҳмон ва Нурсултон Назарбоев сурат гирифтааст.

Пешбурди сиёсати бисёрсамта, истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узвият ба созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ аз асли дарёфти ҷойгоҳи муносиб дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва муаррифии таърих, фарҳанг ва дастовардҳои кишвар дар арсаи байналхалқӣ бармеояд.

Чорум, сиёсати хориҷии бисёрсамта зарурати айние ба шумор меравад, ки дар тӯли мавҷудияти мустақилона дар роҳи воридшавии арзандаи кишварҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, муаррифии худ ҳамчун давлатҳои ташаббускор ва муваффақ мусоидат намудааст.

Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон воқеъбинона мебошад, зеро имкон фароҳам меорад, ки тавозун дар минтақа риоя гардида, ҳамзамон манфиатҳои миллӣ таъмин карда шаванд. Чунин сиёсат на танҳо афзалиятҳои ҷумҳурӣ, балки манфиатҳои кишварҳои минтақа ва тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба назар мегирад.

Панҷум, раванди ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти зарурати таърихӣ барқарор шудааст, ки дар мавҷудияти кишварҳо дар як минтақа, манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ифода меёбад. Дар замони истиқлол ҳамкории кишварҳо марҳалаҳои барқароршавӣ, ташаккул ва таҳаввулро сипарӣ намудааст. Ҳар як давра дорои хусусиятҳои хос, раванди муайян ва натиҷаҳои мушаххас буданд. Маҳз рушди тадриҷии муносибатҳо дар марҳалаҳои муайян заминаи гузариши онҳо ба сатҳи нави сифатӣ – шарикии стратегиро фароҳам овардааст.

Шашум, дар марҳалаи таҳаввули ҳамкориҳои мутақобила тамоми нишондодҳои сатҳӣ ва сифати ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталиф боло рафта, дурнамои муносибати кишварҳо дар қаринаи тағйирёбии вазъи ҷаҳонӣ ва пешбурди сиёсати бисёрсамта мусбат арзёбӣ мегардад.

Ҳафтум, сиёсати бисёрсамта ҳамчун усули асосии сиёсати хориҷии кишварҳо ҳадафмандии худро нишон дода, исбот намуд, ки усули ягонаи дурусти зиндамонӣ дар фазои геополитикии муосир ба шумор меравад. Зиёда аз он, маҳз дар қаринаи чунин сиёсат дастовардҳое ба даст омаданд, ки дар таърихи давлатдории кишварҳо беназир мебошанд. Маҳз ин дастовардҳо барои муаррифии кишварҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ, касби мақоми шоиста, пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта ва рушди устувори ҳар ду давлат мусоидат намуданд.

Мухтавои диссертатсия дар 8 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи нашр омада инъикос гардидааст:

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Комилов Н. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ. [ Мақола] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе: 2020, №6 (89). – С.288-292;

[2-М]. Комилов Н. Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон нисбат ба Чин (дар радифи лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ») [Мақола] / Н. Комилов, А.Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе: 2021, №3 (92). – С.272-279;

[3-М]. Комилов Н. Ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX. [ Мақола] / Н.Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021, №7. – С.36-42;

[4-М]. Комилов Н. Натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар оғози асри XXI. [Мақола] / Н.Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе: 2022, №5.– С.69-78;

[5-М]. Комилов Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлолият [Мақола] / Н.Комилов, А.Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2022, №1. – С.54-63;

[6-М]. Комилов Н.И. Тағйирёбии вазъи минтақа ва зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ дар ибтидои асри 21. [Мақола] / Н.И. Комилов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе: 2022, №4 (99). – С.88-95;

[7-М]. Комилов Н. Ҳолат ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар шароити муосир [Мақола] / Н.Комилов, А.Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб: 2023, №1. – С.299-308;

[8-М]. Комилов Н. «Основные этапы сотрудничества Республики Таджикистан с Республикой Казахстан» / Н.Комилов, А.Шарипов // Логистика и дипломатия. Сборник материалов международой научно-практической конференции (3 декабря 2021 г.). – Алматы: «ТОО Асыл кітап», 2022. – 276 с. – С.169-181.

Бинобар ин, диссертатсияи пешниҳоднамудаи Комилов Насим Иброҳимович таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва пурра анҷомёфта мебошад. Унвонҷӯ вазифаҳои гузошташударо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Комилов Насим Иброҳимович дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлолият (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 7 майи соли 2024 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 25 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: «тарафдор» 25 – нафар; «бетараф» – нест, «зид» – нест. Суратҷаласаи №8, аз 7 майи соли 2024.

**Раиси ҷаласа,** н.и.с., дотсент, мудири
кафедраи муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Муродова Гулчеҳра Рузибоевна

**Котиби ҷаласа,**
номзади илмҳои таърих — Суфиев Садриддин Насриддинович

**Суроға:** 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;
тел.: (833-22) 2-35-06; 992 985415193, факс: (833-22) 3-35-06
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj

«Имзоҳои номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г.Р. ва номзади илмҳои таърих Суфиев С.Н.-ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Амиров Файзуллохуҷа Азизович

«13» 05 2024 с.